## ТАҚРИЗ

**ба автореферати Солиҳов Саймурод Тағоймуродович дар мавзӯи: «Масъалаҳои иҷтимоишавии шахс дар ҷомеаи тағйирёбандаи Тоҷикистон» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Дар ҳама низомҳои иҷтимоии ҷомеа масъалаи иҷтимоишавӣ соддаю мураккаб, инчунин дар ҳамагуна маданиятҳо ба назар мерасиданд. Аз ин рӯ ҳар як шахс дар ҷомеа имрӯз нақш, ё вазифаҳои зиёдеро иҷро намуда, вобаста ба ҳолатҳои гуногуни ҳаёту фаъолият бо сабабҳои гуногун ба зуҳуроти иҷтимоишавӣ дучор мегардад.

Он дигаргуниҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие, ки дар давраи гузариши ҷомеа ба вуҷуд меоянд ногузир ба раванди иҷтимоишавӣ табдил меёбад. Дар натиҷа одамон ба ҳодисаю зуҳуроти иҷтимоӣ дар ҷомеа мувоҷҷеҳ шуда, ба шароитҳои нави иҷтимоию иқтисодии ҷомеа мутобиқ шуда наметавонанд, ки амали мазкур бевосита ба ҳодисаҳои иҷтимоишавӣ оварда мерасонанд.

Агар аз як ҷониб, дар раванди иҷтимоишавӣ фардҳои иҷтимоӣ мақом ва сатҳи зиндагиашонро аз даст медиҳанд, ки ин аз кӯшишу ҳаракати онҳо вобастагӣ дорад. Ҳамзамон аз тарафи дигар, иҷтимоишавӣ тавассути созандагӣ, эҷодкорона ва захираи ташаккулёбии муносибатҳои нави иҷтимоӣ доштанаш амали рӯзмараи ҷомеаро таъмин менамояд.

Мувофиқи маълумотҳо раванди иҷтимоишавиро вобаста ба тағйироту инкишофи ҷомеа сарчашмаи воқеияти иҷтимоӣ, шакли ғайримаъмулии эҷодкорӣ ва навоварӣ номидан мумкин аст.

Муаллиф Солиҳов Саймурод Тағоймуродович, зарурияти раванди омӯзиши масъалаи иҷтимоишавиро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дарк

намуда дар таҳқиқоти худ онҳоро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст.

Автореферати Солиҳов Саймурод аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, иборат буда, хулоса тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳо ва феҳристи интишороти муаллиф таркиб ёфтааст. Муаллиф дар муқаддима мубрамияти мавзӯи таҳқиқот ва дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқотиро асоснок намудааст.

Дар тавсифи умумии таҳқиқот дар хусуси объекти таҳқиқот, мавзӯи таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, ҳолатҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва ғайра ифода ёфтаанд. Ба ғайр аз ин дар автореферат, муаллиф масъалаҳои назариявию методологии масъалаи иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоиро таҳқиқ намуда ақидаҳои худро дар такя ба муҳаққиқони барҷастаи Аврупо, рус ва тоҷик баён сохтааст.

Инчунин, муаллиф доир ба таърихи пайдоиши мафҳуми иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ва рушди ташаккули назарияҳо оид ба масъалаи иҷтимоишавӣ ҳамчун зухуроти иҷтимоӣ андешаронӣ кардааст. Дар хусуси унсурҳои таркибӣ ва навъҳои иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимои низ ба таври муфассал маълумот дода шудааст.

Дар автореферати худ Солиҳов Саймурод мушкилоти асосии ташаккул ва инкишофи иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор додааст.

Муаллиф доир ба сабабҳои асосии тағйрёбии иҷтимоишавӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуда, тамоюлҳои асосӣ ва рушди ичтимоишавӣ, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ба вуҷуд омадааст, мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои ба даст овардашуда ва тавсияҳои муаллиф барои истифодаи амали натиҷаҳои таҳқиқот баён гардидаанд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф барои муайян кардани самтҳои асосии рушди иҷтимоишавӣ ҳамчун зухуроти иҷтимоӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳ ва воситаҳои такмили онҳо мусоидат менамоянд. Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Автореферат ва корҳои илмие, ки доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ чоп гардидаанд мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро ба таври васеъ инъикос менамоянд. Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ ба назар мерасанд, вале онҳо ба арзиши илмии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса автореферат ва диссертатсияи Солиҳов Саймурод Тағоймуродович ба талабот ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори соҳиб гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:** номзади илмҳои сотсиология, Назирова М. Н.

ШӮЪБАИ КАДРҲО